**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди**
**Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30.06.2023, № 6

Барои сазовор донистани Рузиев Меҳрубон Миралиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ» (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»))» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ рӯзи 11.04.2023 (суратмаҷлиси №4) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) барои ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Рузиев Меҳрубон Миралиевич шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13-уми январи соли 1990 дар ноҳияи Варзоб дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Солҳои 2008-2012 дар зинаи бакалавр ва 2012-2014 дар зинаи магистратураи факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ таҳсил намудааст. Солҳои 2014-2017 аспиранти шуъбаи рӯзона ва аз соли 2017 то соли 2018 унвонҷӯйи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ буд.

Рузиев Меҳрубон Миралиевич солҳои 2013-2014 ва аз соли 2018 то ҳол ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики МТМУ №4-и ноҳияи Варзоб кору фаъолият мекунад.

Диссертатсия дар шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илми филология, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа, номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” Назаров М.Н., эксперт номзади илми филология, дотсенти кафедраи мазкур Саидов Ҷ.З., котиби илмии ҷаласа, номзади илми филология Раҳмонов М.Б. ва бо имзову муҳри ректори муассиса, доктори илми биология, профессор Давлатзода Сайфиддин Хайриддин пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ» (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)» таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-37-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳо таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷаллаву маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расидаанд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Рузиев, М. Назаре ба дараҷаи омӯзиши лаҳҷаҳои Варзоб ва муносибати он бо лексикаи чорводорӣ [Матн] / М. Рузиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/3 (203). – С. 110-115.

[2-М]. Рузиев, М. Вожаҳои марбут ба рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвоноти хонагӣ дар лаҳҷаи Варзоб [Матн] / М. Рузиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С. 68-71.

[3-М]. Раҳматуллозода, С., Рузиев, М. Таҳлили сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагии лаҳҷаи Варзоб [Матн] / С. Раҳматуллозода, М. Рузиев // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2020. – №2. – С. 5-16.

[4-М]. Рузиев, М. Хусусиятҳои луғавии калимаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар заминаи маводи гӯйиши мардуми Варзоб) [Матн] / М. Рузиев // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С. 34-44.

[5-М]. Рузиев, М. Калимаҳои иқтибосии марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») [Матн] / М. Рузиев // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 93-100.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Раҳматуллозода, С., Рузиев, М. Нақши пасвандҳои калимасоз дар ташаккули лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагии лаҳҷаи Варзоб [Матн] / С. Раҳматуллозода, М. Рузиев // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. – Хоруғ, 2020. – №3. – С. 33-42.

[7-М]. Рузиев, М. Вожагони марбут ба истифодаи ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») [Матн] / М. Рузиев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Истиқлолияти давлатӣ ва рушди забони модарӣ» (Душанбе, 18-уми феврали соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 98-99.

[8-М]. Рузиев, М. Таснифи қабатҳои семантикии лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») [Матн] / М. Рузиев // Забон – ҳастии миллат (Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷик дар замони Истиқлол: мушкилот ва дурнамо» (Душанбе, 15-уми июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – С.135-142.

[9-М]. Рузиев, М. Лексикаи ифодакунандаи зоти ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») [Матн] / М. Рузиев // Масъалаҳои забоншиносӣ. – Душанбе, 2022. – №1 (1). – С.137-140.

[10-М]. Рузиев, М. Лексикаи ифодакунандаи амалиёти вобаста ба ҳайвонот (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») [Матн] / М. Рузиев // Муҳаққиқ. – Душанбе, 2022. – №4 (57). – С. 6-9.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи

идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонова Наргис Шарифовна мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр шудааст:

-забони автореферат равону илмӣ бошад ҳам, баъзан ҷумлаҳои носуфта дар саҳифаҳои 7, 13 ва 18 ба назар мерасанд;

-дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои хусусияти имлоӣ ва китобатӣ дида мешавад (8, 11, 16);

-дар автореферат баъзан қоидаи имлои нави забони тоҷикӣ (2021) риоя нагардидааст (6, 14, 17).

2. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Сангинова Р.И. мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:

-дар боби дуюм, зерфасли 2.2.4. ғалати имлоӣ роҳ ёфтааст, ки он ислоҳ мехоҳад: қайд гардидааст неву қайд карданист (саҳифаи 16, сархати 2);

-ба назари мо, маводи иқтибосии муосир, ки аз забонҳои русиву аврупоӣ ба лаҳҷаи Варзоб ворид гардидааст, ба таври кофӣ дида намешавад (шояд дар рисолаи таҳқиқотӣ васеъ дода шуда бошад?);

-фикр мекунем, агар ба ҷойи “вожагон” калимаи “вожаҳо” истифода мешуд, беҳтар мебуд;

-дар саҳифаи 13 ғалати китобатӣ роҳ ёфтааст, ки он ислоҳ мехоҳад: (зерфаслҳои 1.5.1, 1.5.2 аз сархати нав оғоз ёбад).

3. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Амлоев А. Я. мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

-ба андешаи мо дар автореферати диссертатсия баъзан такрори фикру андешаҳо ба мушоҳида мерасанд;

-дар автореферати диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ (саҳифаҳои 3, 6, 8, 9, 10, 11, 12, 13) ба чашм мерасанд, ки рафъи онҳо ҳусни корро меафзояд.

4. **Тақризи** ба автореферат навиштаи номзади илми филология, и. в. дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Икромова Г.Х. мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:

-хулосаро кӯтоҳ кардан мувофиқи мақсад аст;

-дар автореферат ғалатҳои имлоиву техникӣ мавҷуданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ)

аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ чунин масъалаҳоро муқаррар намудааст:**

- таъину асоснок намудани ҷанбаи назарии мавзуи таҳқиқ;
- ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии вожаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ;
- баррасии хусусиятҳои луғавии калимаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ;
- нишон додани сабабҳои воридшавии иқтибосот ба лаҳҷаи Варзоб ва муайян намудани мавқеи онҳо дар таркиби калимаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ;
- баррасии хусусиятҳои маъноии калимаҳои мансуб ба ҳайвоноти хонагӣ;
- таҳқиқи сохтории вожагони мансуб ба ҳайвоноти хонагӣ;
- муайян кардани мавқеи вожагони соҳаи ҳайвоноти хонагӣ дар миёни дигар қабатҳои луғавӣ ва таъсиру муносибати онҳо ба анъанаҳои мардум, ки аз ҷанбаи этнолингвистии онҳо бар меояд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Таҳқиқ дар асоси дастовардҳои илмӣ-назарӣ ва амалии забоншиносони шинохтаи ватанию хориҷии риштаи забоншиносӣ, аз қабили Л. А. Новиков, И. М. Оранский, Л. С. Пейсиков, Н. М. Шанский, В. В. Лопатин, Е. А. Земская, А. Л. Хромов, В. С. Расторгуева, А. З. Розенфелд, А. Н. Кисляков, А. П. Колпаков, Р. Л. Неменова, Е. М. Пешерева, О. Н. Трубачев, Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров, Ҳ. Маҷидов, Д. Саймиддинов, М. Қосимова, Б. Камолиддинов, Н. Шарофов, М. Муҳаммадиев, Ғ. Ҷӯраев, М. Маҳмудов, С. Раҳматуллозода, О. Маҳмадҷонов, Д. Ҳомидзода, Ш. Исмоилов, Н. Гадоев, С. Мирзоев, Ш. Бобомуродов, Г. Мирзоев, А. Мирбобоев, Ҳ. Бердиқулов, Г. Ниматов, Ф. Амонова, А. Зоҳидов, С. Алиев, Ҳ. Талбакова ва дигарон анҷом дода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад,** ки натиҷаҳои таҳқиқро метавон барои таҳлилу ҳалли масоили мухталифи забони адабӣ ва бахши шевашиносӣ, тадриси курси «забони адабӣ», бахусус қисматҳои «лексикология», «калимасозӣ», «маъношиносӣ», «таърихи ташаккули вожагони забони адабӣ», курси «шевашиносӣ», таҳияи китобҳои дарсию дастурҳои таълимии забоншиносӣ ва луғатҳои шевагӣ истифода бурд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби равишҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** пеш аз ҳама, дар ҷамъоварӣ, коркард, танзим ва ҷобаҷогузории мавод, омӯзиши назарияҳои донишмандони муосири ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ ва муқоисаи онҳо зоҳир мегардад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар диссертатсия ва фарҳанги мураттабнамудаи муаллиф, инчунин дар мақолаҳои нашрнамудаи ӯ инъикос ёфтаанд. Таҳқиқи мазкур заҳмати чандинсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 30 июни соли 2023 дар бораи ба Рузиев Меҳрубон Мироалиевич додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри 2022, № 307/шд ба ҳайати Шуро ворид шудаанд, 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 14 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.А.

30.06.2023